## Тақризи

роҳбари илмӣ ба кори диссертатсионии Назриева Ҷамила Маҳмудовна таҳти унвони «Асосҳои илмӣ-методии тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди дарсҳои забони русӣ» (дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии таҳсилашон бо забони тоҷикӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 5.3. Педагогика (5.3.5.8. Назария ва методикаи таълими забон ва адабиёти рус дар мактабҳои забони таҳсилоташон ғайрирусӣ)

Ташаккули шахсияти созанда, ободкор ва равшанфикр тақозои замони имрӯза буда, аз ҳамаи муассисаҳои таълимию тарбиявӣ талаби тарбия кардани чунин афродро тақозо дорад. Раванди ҳаёт бори дигар собит сохта истодааст, ки ҷомеаи имрӯза дигаргуниҳои назаррасро дар соҳаи маориф ва тарбия ниёз дошта, шароит фароҳам овардан барои чунин раванд муҳим арзёбӣ мегардад.

Мактаби муосир дар ташаккули ҷаҳонбинӣ, ҷаҳонфаҳмӣ, нигоҳҳо ва ақидаҳои хонандагон нисбат ба масъалаҳои ҳаётӣ таъсир расонида, дар рушди тарбияи маънавӣ-ахлоқии онҳо саҳми назаррас дорад. Яке аз фаннҳое, ки дар қатори дигар фанҳои таълимӣ дар мактабҳои миёнаи умумӣ таълим дода мешавад, фанни забони русӣ мебошад. Ин фан дар баробари ба уҳда доштани маърифаткунонии хонандагони синфҳои болоӣ, дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии онҳо низ ба воситаи матни асарҳои бадеӣ, шуъру сатрҳои шоиронаи нависандагону адибони сатҳи ҷаҳонӣ нақши назаррас дорад.

Бояд қайд кард, ки интихоби мавзуъ ва коркарди илмии он аз тарафи Назриева Ҷамила Маҳмудовна дар марҳилаи кунунии рушди маориф ва илми педагогика хеле ҷолиби диққат буда, ба таҳқиқоти мубрам ва доғи рӯз махсуб будани он далолат медиҳад.

Муаллиф дар диссертатсия дуруст қайд менамояд, ки донистани забони русӣ барои шаҳрванд ҳамчун воситаи асосии муошират бо одамони дигар зарур аст. Адабиёте, ки ба забони русӣ эҷод шудааст, барандаи маъниҳо ва ғояҳои маънавию ахлоқиест, ки барои дарки

маънои ҳаёт ва муайян кардани мавқеи худ дар он муҳим арзёбӣ мегардад.

Мусаллам аст, ки инсон аз хурдсолӣ бо забони модарии худ фикр карда, андешаашро баён мекунад ва бо ёрии он оламро аз худ мекунад. Аммо, донистани забонҳои хориҷӣ аз ҷумла, русӣ хонандагонро бо фарҳанг, тарзи зиндагӣ ва рӯзгордории халқҳои дигар ошно месозад. Ҳар қадаре ки захираҳои луғавии хонандагон ғанӣ бошад, ҳамон қадар тарзи муошират ва услуби истифода бурдани он қобили қабул мегардад. Дар ин росто, қобилияти суханронӣ, навиштан, гӯш кардан, хондан ва фаҳмидани асарҳои бадеӣ осон гардида, рушди зеҳн, тафаккур ва тарзи фикррони сурат мегирад.

Диссертатсияи Назриева Ҷамила Маҳмудовна таҳти унвони «Асосҳои илмӣ-методии тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди дарсҳои забони русӣ» (дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии таҳсилашон бо забони тоҷикӣ) аз мукаддима, се боб, шаш зербоб, хулосаҳои бобҳо, хулоса ва руйхати адабиёт иборат аст. Мазмуну мундариҷа ва муҳтавои қисматҳои кор бо ҳамдигар мантиқан алоқаманд буда, фарогири масъалаи таҳқиқ мебошанд. Унвонҷӯ кӯшиш кардааст, ки ҳам дар қисмати аввал ва ҳам дар қисматҳои дуюму сеюми кори илмӣ, бештар, ба масъалаи асосии мавзуи таҳқиқот, таълими самараноки звбони русӣ, пайдо кардани методҳои мувофиқ ва дар ин замина тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синҳои 9-11 таваҷуҳи худро равона созад ва аз доираи мавзуъ берун нашавад. Иқтибос шудани фикру андешаҳо ва гуфтаҳои олимону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ва дар заминаи онҳо пешниҳод намудани ақидаҳои худ, барои исботи далелҳои саҳеҳ арзиши илмии диссертатсияро боз ҳам бештар гардонидааст.

Бояд қайд намуд, ки дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф оид ба муайянсозӣ, асосноккунӣ ва истифодаи усулҳои мутаносиби таълимию тарбиявӣ дар дарсҳои забони русӣ ва

гузаронидани озмоиш ҷиҳати муайян кардани тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 ва вазифаҳои ба миёнгузошта пурра иҷро гардида, натиҷаҳои зарурӣ ба даст оварда шудаанд.

Эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳод гардида, бо консепсияи илмии педагогӣ, усулҳои назарӣ ва эмперии таҳқиқот, инчунин таҳлили шароит ва натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, тасдиқи нуктаҳои дар фарзияи таҳқиқот пешниҳод гардида, истифодаи усулҳои таҳқиқоти илмии ба вазифаҳои марҳалаҳои асосии тадқиқот мутобиқ ва таҷрибаи амалии муаллиф таъмин гардидааст.

Дар маҷмуъ, ба диссертант Назриева Ҷ.М. муяссар гардидааст, ки ба объекта пажуҳиш такя намуда, вазифаҳои таҳқиқотро ба пуррагӣ роҳандозӣ кунад. Таҳқиқоти ба охиррасида дорои аҳамияти назариявӣ ва ҳам амалӣ буда, натиҷаҳои онро дар фаъолиятҳои илмиву таълимӣ бе ягон мамоният дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ истифода намудан имконпазир аст.

Аз суханҳои боло бармеояд, ки муаллифи диссертатсия барои ба анҷом расонидани кори таҳқиқотӣ заҳмати зиёд сарф карда, ба натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гардидааст. Агар, сухане чанд дар бораи шахсияти ӯ ҳарф занем, Назриева Ҷамила Маҳмудовна ба ҳайси устоди фанни забони русӣ фаъолият дошта, дар давоми фаъолияти педагогиаш соҳиби таҷрибаи хуби омӯзгорӣ гардидааст.

Дар давраи фаъолияти унвонҷӯӣ диссертант ба таҳқиқоти илмиаш муносибати хеле масъулона ва ҷиддӣ зоҳир намуда, сифатҳои назарраси суботкорӣ, эҷодкорӣ, сермасъулиятӣ, мустақилиятнокӣ, қобилият ва истеъдоди хуби пажуҳиширо нишон дод. Дар ин давра аз тарафи ӯ бо баробари бурдани таҳқиқоти назариявию таҷрибавӣ, ба навиштан, таҳия ва чоп кардани мақолаҳои илмӣ, омода намудани маърӯзаю баромадҳо дар конференсияҳои илмӣ ва семинарҳо эътибори ҷиддӣ дода мешуд. Натиҷаи ин муносибат буд, ки аз тарафи ӯ дар асоси маводҳои

таҳқиқотиаш 11 мақола дар нашрияҳои педагогӣ нашр гардидаанд, ки 7-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофгашта рӯйи чоп омадаанд.

Хулоса, диссертатсияи Назриева Ҷамила Маҳмудовна таҳти унвони «Асосҳои илмӣ-методии тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди дарсҳои забони русӣ» (дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии таҳсилашон бо забони тоҷикӣ) аз рӯйи мазмуну мундариҷа, ҳаҷм, миқдори маводҳои чопшуда ба талаботи КОА-и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 5.3. Педагогика (5.3.5.8. Назария ва методикаи таълими забон ва адабиёти рус дар мактабҳои забони таҳсилоташон ғайрирусӣ) сазовор мебошад.

Роҳбари илмӣ:
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
ходими пешбари илмии шуъбаи
фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангии
Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг
ва иттилооти Вазорати фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон — Табаров Нурулло Сафаралиевич

*Имзои Н.С. Табаровро тасдиқ мекунам:*
Нозири кадри Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии
фарҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон — Холикова М.

ШУЪБАИ КАДРҲО / ОТДЕЛ КАДРОВ

30.04.2026

Маълумот барои тамос:
**Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттиллооти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон**
734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Н. Қарабоев, 17 (ошёнаи 2). Сомонаи пажӯҳишгох: www.pitfi.tj; Тел.: (+992 37) 233-58-84.